**“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”**
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илми филология, профессор
________ Гулназарзода Ж. Б.
«18» декабри соли 2023

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсияи номзадии Гулова Маъмура Нуровна дар мавзуи “Номи растаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ: ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохторӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ пешниҳод гардидааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи номзадии Гулова Маъмура Нуровна таҳти унвони “Номи растаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ: ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохторӣ” таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба таҳқиқи вижагиҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтории вожагони ифодакунандаи номи растаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ бахшида шудааст. Муҳтавои он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология бо шиносномаи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мутобиқат менамояд.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Таркиби луғавии ҳар забону лаҳҷаҳои он маҳсули давраҳои гуногуни таърихи ташаккулу такомули ҳар як халқу миллати соҳибзабон ва инъикосгари рӯйдодҳои иқтисодиву сиёсӣ ва илмиву фарҳангии ҷомеаи он мебошад. Ҳангоми ба таҳқиқи вожагони марбут ба шеваву гӯйишҳои мардум рӯй овардан, ҷиҳатҳои мухталифи ҳам ҳаёти моддӣ ва ҳамчунон маънавии онҳо ё гурӯҳи этникиро метавон муайян намуд. Ин аст, ки таҳқиқи вожаҳо барои ҳал намудани бисёр масъалаҳои мубрами илми забоншиносӣ низ нақши муассир дошта метавонад.

Муаллиф ҳам ҳамин воқеаиятро таъкид менамояд, ки лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ арзишмандтарин ёдгори пешиниёну гузаштагони мо мебошанд ва ҳар гуна талош дар самти омӯзиши онҳо гоме аст дар

масири омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни таърихи ин миллат, тақвияту ҳифз ва пӯёии забони он, ки муҳимтарин василаи эҷоди ваҳдат ва ҳамдилии мардуми сарзамин ба ҳисоб меравад.

Баъзе аз муҳаққиқони лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ, аз ҷумла муҳаққиқи лаҳҷаҳои Мастчоҳ А. Л. Хромов, муҳаққиқи лаҳҷаи ҳардурӣ Ш. Эшниёзов, муҳаққиқи лаҳҷаи тоҷикони ноҳияи Китоб М. Маҳмудов, муҳаққиқи лаҳҷаҳои тоҷикони атрофи Андиҷон Ҷ. Мурватов, муҳаққиқи лаҳҷаи Қаратоғ Л. В. Успенская, муҳаққиқи лаҳҷаҳои тоҷикони ноҳияи Бойсун Х. Ҳамроқулов, Ғ. Ҷӯраев, С. Раҳматуллюзода муҳаққиқони лаҳҷаҳои ҷанубӣ ва ҷанубӣ-шарқии забони тоҷикӣ ва дигарон дар таҳқиқоти ба лаҳҷаҳои мазкур бахшидаи худ ба бахши лексика боби алоҳида ҷудо намуда, паҳлуҳои ҷудогонаи таркиби луғавии лаҳҷаҳои мавриди таҳқиқашонро ба таври фишурда мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Баъзе масъалаҳои назариявӣ ва амалии марбут ба луғати лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ дар таълифоти ҷудогонаи забоншиносони ватаниву хориҷӣ, аз ҷумла В. С. Расторгуева, Ю. И. Богорад, А. З. Розенфелд, Р. Ғаффоров, Ғ. Ҷӯраев, Ш. Исмоилов, С. Раҳматуллозода, М. Эшниёзов, М. Маҳмудов, Б. Бердиев, Т. Мақсудов, Ҷ. Мурватов, Ҳ. Ҳамроқулов, С. Атобуллоев, Б. Олимҷонов, С. Мирзоев, С. Носиров, М. Қаххоров, Ф. Убайдов, М. Кабиров, М. Ҳалимова, И. Сулаймонов ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, ки ин таълифот дар диссертатсия ном бурда шудаанд.

Бо вуҷуди таҳқиқоте, ки дар илми лаҳҷашиносии тоҷик доир ба омӯзиши лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ анҷом дода шудаанд, лексикаи шумори зиёди лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ҳанӯз таҳқиқ нагардидаанд, ки лексикаи лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ бо доштани таркиби луғавии бой ва фаро гирифтани вожаҳои зиёди лаҳҷавӣ аз ҷумлаи онҳост.

Таркиби луғавии лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ, чун ҳар як лаҳҷаи дигари забони тоҷикӣ, аз қабатҳои гуногуни луғавӣ иборат мебошад, ки яке аз онҳоро луғати марбут ба олами наботот ташкил медиҳад.

Ноҳияи Айнӣ аз минтақаҳои кӯҳсори ҷумҳурӣ аст ва олами набототи он ниҳоят бою рангин мебошад, вале муаллифи диссертатсия дар ин зимн қайд намудааст, ки мувофиқи маълумоти мутахассисони соҳаи рустанипарварӣ, мутаассифона, бо сабабҳои гуногун, аз ҷумла ҷангалбурии аз меъёр зиёди мардум, ба миқдори зиёд ва нодуруст ҷамъоварӣ намудани рустаниҳои доругиву ғизоӣ, алафдаравии пеш аз муҳлат, нодуруст чаронидани чорво ва ғайра майдони сабзиши баъзе рустаниҳо кам гардидаанд ва қисме аз рустаниҳо ҳатто, ба дараҷаи нестӣ расидаанд, ки инҳо ба фаромӯш сохтани исми онҳо низ оварда мерасонад.

Муҳиммияти мавзуъ дар он арзёбӣ мегардад, ки он ҳанӯз мавриди таҳқиқи махсус қарор нагирифтааст ва ин таҳқиқот барои анҷоми таҳқиқотҳои бунёдӣ дар заминаи луғати лаҳҷаҳои гурӯҳи марказии забони тоҷикӣ маводи арзишманди илмӣ дода метавонад.

Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки дар таҳқиқи баанҷомрасондаи хеш вожагони ифодакунандаи номи рустаниҳоро дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ ҷамъоварӣ намуда, вижагиҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохтори сарфии онҳоро таҳлилу баррасӣ ва ҷойи онҳоро дар низоми луғати лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ муайян намудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқи мавзуъ дар диссертатсия ва мақолаҳои илмии батабърасидаи муаллиф дарҷ гардидаанд. Ин аст, ки диссертант дар доираи мавзуи мавриди таҳқиқ якчанд мақолаҳои илмиро таҳия намуда, ба нашр расондааст, ки онҳо аҳаммияти зиёди назариявӣ дошта, муҳаққиқони дигар дар омӯзиши масъалаи олами наботот истифода карда метавонанд.

Таҳлилу таҳқиқи фарогир ва тавзеҳии илмии вижагиҳои забонии вожагони ифодакунандаи номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ, таснифу гурӯҳбандии луғавию маъноӣ ва мавзуии вожагони мавриди таҳқиқ бо назардошти мушаххас намудани ҳудуди густариши онҳоро муаллиф мақсади асосии таҳқиқ қарор додааст.

Муаллиф барои ба ҳадаф ва вазифаҳои аслии таҳқиқ расидан дар назди худ якчанд вазифаҳо гузоштааст: ошноӣ бо шароити ҷуғрофӣ ва хусусиятҳои таърихиву этнографии минтақаи мавриди омӯзиш; ҷамъоварӣ, гурӯҳбандӣ ва ҳифзи вожагони ифодакунандаи номи рустаниҳо аз лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ; муайян намудани роҳҳои пайдоиш ва рушди вожагони ифодакунандаи номи рустаниҳо, ки аз лаҳҷаҳои минтақаи мавриди омӯзиш ҷамъ оварда шудаанд; муайян намудани ҳудуди паҳншавӣ ва дараҷаи истифодаи вожагони ифодакунандаи номи рустаниҳо дар дохили лаҳҷаҳои минтақаи мавриди омӯзиш; муайян намудани сохтори вожагони ифодакунандаи номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои минтақаи мавриди омӯзиш; муқоисаи баъзе падидаҳои лексикологии лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ бо лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ корҳои амалӣ ва назариявиро оид ба омӯзиши лаҳҷаи Айнӣ, ки бо ин ё он восита ба олами нобототи ин мавзеъ низ дахл карда мешавад, дар бар мегирад. Диссертант қайд менамояд, ки омӯзиши лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ соли 1926 бо Экспедитсияи осиёимиёнагии Академияи илмҳои ИҶШС таҳти роҳбарии профессор И. И. Зарубин оғоз ёфта буд. Яъне экспедитсия

ғайр аз минтақаҳое, ки тоҷикон сукунат доранд ва зиндагӣ мекунанд, минтақаи вобаста ба ноҳияи Айнии вилояти Суғди ҳозираро низ мавриди омӯзиши этнологӣ қарор медиҳанд ва маводи зиёдеро гирдоварӣ кардаанд.

Соли 1927 И. И. Зарубин доир ба натиҷаҳои кори экспедитсия бо номи "Отчет об этнологических работах в Средней Азии летом 1926 года" мақолае ба чоп расонд.

Соли 1957 Пажуҳишгоҳи забони АИ ИҶШС забоншинос А. А. Керимоваро барои омӯзиши лаҳҷаҳои деҳоти алоҳида ба ноҳияи Айнии Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристод ва номбурда деҳаи Рарзи ноҳияро маҳалли асосии омӯзиш қарор дода, дар заминаи маводи аз ин деҳа ҷамъовардаи худ бо номи "Особенности говора кишлака Рарз" мақолаи арзишманде навишта ба чоп расонид, ки дар охири он ибораву ҷумлаҳои лаҳҷавии аз нутқи сокинони деҳа навиштааш замима гардидаанд.

Инчунин, диссертант корҳои илмии як қатор олимону донишмандони ватаниву хориҷӣ, чун М. С. Андреев "Краткий обзор некоторых особенностей таджикских говоров» , А. Л. Хромов, аз ҷумла мақолаҳои ӯ "Согдийские слова в говорах таджикского языка" ва "О некоторых словах языка эпохи Рудаки, сохранившихся в таджикских говорах верхного Зерафшана", С. М. Носиров "Нидои даъват ва рондани ҳайвонот ва парандагони хонагӣ дар лаҳҷаҳои Фалғар", "Мақоми иқтибосҳои туркӣ дар таркиби луғавии лаҳҷаҳои Фалғар" ва "Мавқеи вожаҳои классикӣ дар таркиби луғавии лахчаҳои ноҳияи Айнӣ"-ро мавриди таҳлил ва муҳокима қарор медиҳад ва дар рафти таҳқиқи масъалаи рустаниҳо, умуман, олами набототи ноҳияи Айнӣ ба онҳо такя менамояд.

Ҳангоми таҳлили ҷузъҳо муҳаққиқ тавонистааст баҳси илмиро ба миён оварда, далелҳои боварибахшро орад. Касбияти таҳлил дар муносибат ба мавзуи таҳқиқшаванда ҳис гардида, нишондоди он аст, ки мавзуъ дар доираи корҳои таҳқиқотӣ баррасӣ мегардад.

Натиҷаҳои таҳқиқ ва хулосаҳои пешниҳодшаванда маълумоти назариявиро доир ба омӯзиши лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ, бахусус, лексикаи наботот афзуда, дар таҳқиқоти баъдина метавонанд истифода гарданд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.** Навгонии илмии таҳқиқ. Навгонии илмии диссертатсия дар он арзёбӣ мегардад, ки он ба таҳқиқи монографии хоси калимаҳои ифодакунандаи номи набототу рустаниҳои яке аз лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ - минтақаи Айнӣ, ки то ҳол мавриди таҳқиқ қарор

нагирифтааст, бахшида шудааст. Ҳамчунин пайдоишу инкишоф, ҳудуди паҳншавӣ ва роҳҳои сохта шудани калимаҳои ифодакунандаи номи рустаниҳо дар заминаи таҳқиқи лаҳҷаи минтақаи мавриди омӯзиш рӯйи кор омадаанд, ки навгонии диссертатсионӣ маҳсуб мешаванд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ. Дар диссертатсия ҷанбаҳои луғавию маъноӣ ва сохтории таркиби луғавии яке аз лаҳҷаҳои ҳанӯз омӯхтанашудаи забони тоҷикӣ – лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ дар мисоли воҳидҳои луғавии ифодакунандаи номи наботот бори нахуст мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтаанд. Натоиҷи аз таҳқиқ бадастомада метавонанд баъзе масоили ҳалталаби лексикаи лаҳҷаву шеваҳои забони тоҷикиро, ки доир ба умумияту фарқияти онҳо мебошанд, ҳал кунад.

Аҳаммияти илмӣ-назариявии таҳқиқ дар он ифода меёбад, ки ин таҳқиқот ҳамчун яке аз сарчашма ва маводи арзишманди бахши шевашиносии тоҷик барои таҳқиқоти минбаъдаи марбут ба гурӯҳҳои мавзуии таркиби луғавии забони тоҷикиву лаҳҷаҳои он хизмат намояд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ аз он иборат аст, ки натиҷаҳои он ҳангоми омӯзиш ва таълифи гурӯҳҳои мавзуии таркиби луғавии лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ метавонанд истифода шаванд.

Маводи диссертатсия барои таҳияи дастурҳои таълимӣ оид ба лексикология, дарсҳои курси забони адабии тоҷик, аз ҷумла, лаҳҷашиносӣ, калимасозӣ, инчунин гирдоварӣ ва тартиби фарҳанги мукаммали лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ метавонад мавриди истифода қарор дода шавад.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба талабот ҷавобгӯ буда, аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёт (180 номгӯй) ва рӯйхати ихтисораҳо иборат аст. Луғати мухтасари олами набототи лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ ба диссертатсия замима гардидааст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 180 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, тавсифи умумии таҳқиқ – мақсаду вазифа, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назарӣ, методологӣ ва методҳо, сарчашма ва навовариҳо, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиб ва амалисозии натоиҷ, нашри таълифоти илмӣ доир ба мавзуъ, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

Боби якуми диссертатсия “Асосҳои назариявии омӯзиши номи рустаниҳо” ном дошта, аз панҷ фасл иборат мебошад.

Дар фасли якуми боби мазкур, ки “Мафҳуми калимаҳои умумихалқӣ ва масъалаҳои назарии он” номгузорӣ шудааст, мафҳуми “калимаҳои умумихалқӣ” тафсиру тавсиф гардидааст. Муаллиф дар такя ба ақидаҳои пешқадами забоншиносони ватаниву хориҷӣ мафҳуми калимаҳои умумихалқиро кушода медиҳад. Зимни таҳлил чунин хулоса мекунад, ки шарҳу эзоҳи мафҳуми калимаҳои умумихалқӣ аз тарафи муҳаққиқон ба тарзҳои гуногун сурат гирифта бошад ҳам, қариб ҳамаи онҳо дар доираи муайян маҳдуд намондан, дар услубҳои гуногуни нутқ истифода шудан, дар истеъмол устувор будан ва бештар аз унсурҳои решагӣ таркиб ёфтани онҳоро таъкид менамоянд.

Дар фасли дуюми боби якуми диссертатсия “калимаҳои хоси лаҳҷа ва масъалаҳои назарии он” шарҳ ёфта, мафҳуми “калимаҳои хоси лаҳҷа” тавсиф гардидааст. Таъкид мешавад, ки мафҳуми “калимаҳои хоси лаҳҷа” баръакси мафҳуми “калимаҳои умумихалқӣ”, чи дар забоншиносии ватанӣ ва чи дар забоншиносии хориҷӣ, бештару мушаххастар мавриди таҳлил ва шарҳу эзоҳи илмӣ қарор гирифтааст. Дар ин маврид андешаҳои донишмандони тоҷик Р. Ғаффоров, Ғ. Ҷӯраев, Т. Мақсудов, Ҳ. Маҷидов ва дигарон оварда шудаанд. Дар ин маврид ба забоншиносии тоҷик авлавият дода мешавад, баъдан андешаронихои муҳаққиқини хориҷӣ ба баҳс ворид ворид шудаанд. Дар охир фарқияти онҳоро дар 3 банд ҷамъбаст карда шудаанд: калимаҳои хоси шева ҳудуди густариши муайян доранд; онҳо ба таркиби луғавии забони адабӣ дохил намешаванд; ҳаммонанди худро доранд ва ғ.

Фасли сеюми ин боб “Мафҳумҳои гурӯҳи лексикӣ-семантикӣ ва гурӯҳи мавзуӣ” унвон дошта, дар он мафҳумҳои “гурӯҳи лексикӣ-семантикӣ” ва “гурӯҳи мавзуӣ” дар алоқамандӣ ба ҳамдигар мавриди баррасиву тафсир қарор гирифтаанд. Ба чунин натиҷа расида шуд, ки мафҳумҳои гурӯҳи лексикӣ-семантикӣ ва гурӯҳи мавзуӣ ба таҳқиқ ниёз доранд ва нисбатан андешаҳои донишманди рус Л. Ф. Алефиренко дақиқ ба назар расидаанд. Қайд гардидааст, дар забоншиносии тоҷик ба ин мавзуъ иқдоме рӯйи кор наомадааст.

Дар фасли чоруми боби якум – “Номи рустаниҳо, ҳамчун гурӯҳи махсуси мавзуии таркиби луғавӣ” масъалаи мақоми гурӯҳи мавзуии номи рустаниҳо дар таркиби луғавии забонҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар ин зимн хусусиятҳои асосии гурӯҳи луғавии номи рустаниҳо шарҳ ёфта, ҳамчунин воҳидҳои луғавии ба онҳо вобастаро низ

дар бар гирифтааст. Зимни таҳқиқ мушкилоти гирд овардани маводи лаҳҷавӣ дар 5 банд хотирнишон шуда, новобаста ба ин мушкилот, пажуҳишҳои дар забоншиносии тоҷик анҷомдода, дар мисоли донишмандон ва муҳаққиқон Д. Саймиддинов, О. Қосимов, М. Султонов ва С. Юсупова баён гардидаанд. Ёдовар шудааст, ки ҳоло ягона таҳқиқоти алоҳидаи ба луғати олами набототи лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ суратгирифта рисолаи номзадии С. Юсупова мебошад.

Фасли панҷуми боби якум "Хусусиятҳои асосии номгузории калимаҳои ифодакунандаи номи рустаниҳо" унвон дошта, дар он муҳимтарин аломату хосиятҳое, ки дар асоси онҳо ба рустаниҳо ном гузошта мешавад, номбар ва баррасӣ гардидаанд. Аломатҳои муҳимтарин, нишона ва хусусиятҳои номгузории рустаниҳо дар лаҳҷаи мавриди таҳқиқ дар 10 банд муайян гардидаанд: ранг, таъм, бӯй, намуди зоҳирӣ ва шабеҳият, таъйинот, хосияту хислат, тарзи сабзиш, замон, макон ва исми ашхос. Ба чунин хулоса расида шуд, аломатҳое, ки дар асоси онҳо ба рустаниҳо ном мегузоранд, барои ҳамаи забону лаҳҷаҳои гуногун умумӣ мебошад, вале дараҷаи ба сифати аломати номгузорӣ қабул шудани аломатҳо ба қобилияти дарк, маҳорату малака ва донишу таҷрибаи мардум дар бораи рустанӣ вобаста мебошад.

Боби дуюми диссертатсия – "Таҳлили калимаҳои ифодакунандаи номи рустаниҳо аз нигоҳи маъно" ба таҳлили хусусиятҳои маъноии калимаҳои ифодакунандаи номи рустаниҳо ва мафҳумҳои ба онҳо алоқаманд бахшида шудааст. Боби мазкур аз ҳафт фасл иборат мебошад. Дар ҳар як фасли боби дуюми диссертатсия масъалаҳои гуногун: калимаҳои ифодакунандаи номи дарахтони маҳаллӣ, калимаҳои ифодакунандаи номи дарахтони бесамари маҳаллӣ, калимаҳои ифодакунандаи номи дарахтони буттагӣ ва буттаҳои маҳаллӣ, калимаҳои ифодакунандаи номи гиёҳу алафҳои худрӯй, калимаҳои ифодакунандаи номи зироатҳои ғалладонагӣ ва лӯбиёиҳо, калимаҳои ифодакунандаи номи сабзавоти маҳаллӣ, маншаи калимаҳои ифодакунандаи номи рустаниҳо, калимаҳои ифодакунандаи номи рустаниҳо дар осори адибони минтақаи омӯзиш мавриди таҳқиқ қарор гирифта, гурӯҳбандӣ ва нуқтаи назари олимону забоншиносонро оид ба онҳо дар бар мегирад.

Дар боби сеюми диссертатсия – "Таҳлили калимаҳои ифодакунандаи номи анвои наботот аз нигоҳи сохтор" хусусиятҳои сохтории вожагони марбут ба номи набототи лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ дар чор фасл ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар диссертатсия калимаҳои ифодакунандаи номи анвои наботот ба се гурӯҳ: сода, сохта ва мураккаб ҷудо карда шудаанд, ки се фасли

аввали боби сеюм таҳлилу таҳқиқи онҳоро дар бар мегиранд. Дар фасли чоруми боби сеюм навъи махсуси калимаҳои ифодакунандаи номи анвои набатот чун ибораистилоҳҳо таҳлилу баррасӣ шудаанд ва мувофиқи маълумоти гирдовардаву таҳқиқнамудаи муаллиф, дар миёни воҳидҳои луғавии ифодакунандаи номи рустаниҳо аз лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ унсурҳои ба тарзи ибора сохташуда зиёд ба мушоҳида мерасанд.

Муаллиф ҳарчанд дар интиҳои ҳар боб хулосабарорӣ карда бошад ҳам, боз дар қисмати хулосаи диссертатсия натиҷаҳои назарраси таҳқиқи мавриди назарро дар 11 банд ҷамъбаст кардааст, кӣ ин аз нуктасанҷ ва дақиқназар будани ӯ гувоҳӣ медиҳад. Дар диссертатсия рӯйхати адабиёт оварда шудааст, ки муаллиф дар рафти таҳқиқ ба онҳо такя намудаст, инчунин аз онҳо иқтибос овардааст.

Диссертатсияи Гулова Маъмура Нуровна ба таҳқиқи номи рустаниҳо дар лаҳҷаи ноҳияи Айнӣ бахшида шудааст. Диссертант аз уҳдаи таҳлилу баррасии он баромадааст, дар такя ба ақидаҳои олимону донишмандони ин соҳа, оид ба мафҳум, моҳият, сохт ва таркиби калимаҳои ифодакунандаи номи рустаниҳо дар лаҳҷаи Айнӣ ақидаҳои хешро иброз дошта, хулосаҳои амиқи илмӣ баровардааст, ки дар илми шевашиносӣ, аз он ҷумла омӯзиши калимаҳои ифодакунандаи номи анвои наботот аҳаммияти калони илмиву назариявӣ доранд.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Диссертатсия дар доираи пажуҳишҳои илмӣ навишта шудааст, бо вуҷуди муваффақиятҳои зиёди илмӣ доштан, дар он баъзе камбудҳо ҷой доранд, ки рафъи онҳо аз тарафи муаллиф ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Зимни баррасии калимаҳои хоси лаҳҷа муаллиф аввал назари донишмандони тоҷик ва сипас андешаҳои муҳаққиқони хориҷиро баён намудааст. Хуб мешуд, ки аввал назари донишмандони хориҷӣ ва баъдан назари донишмандони тоҷикро меовард;
2. Дар зерфасли панҷуми боби якум ҳангоми гурӯҳбандии номи рустаниҳое, ки дар асоси бӯй ба вуҷуд омадаанд, якто калима мисол оварда шудааст, ки ба назари мо теъдоди мисол камтар менамоянд.
3. Хуб мешуд, ки дар баррасии номҳои зардолу муаллиф ба монографияи Сангинова Раҷиба "Лексикаи лаҳҷаи Конибодом", ки сарчашмаи наву боэътимод ба ҳисоб меравад, бештар истифода мекард.
4. Дар диссертатсия аз сарчашмаҳои илмии дар солҳои охир нашршуда камтар истифода шудааст;
5. Ҳангоми шарҳи пасвандҳо доир ба пасванди –вор аз вожаҳои ифодакунандаи номи рустаниҳо як мисол оварда шудааст, ки ин ба назари мо камтар мебошад.

6. Дар диссертатсия дар имлои воҳидҳои туфайлӣ ба ғалат роҳ дода шудааст.

Камбудихои зикргардида арзиши аслии диссертатсияро кам намесозанд. Диссертатсияи Гулова Маъмура Нуровна дар мавзуи “Номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ: ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохторӣ” кори илмии анҷомёфта буда, масъалаҳои пешниҳодшуда дар он ҳалли худро ёфтаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ**

Диссертатсияи Гулова Маъмура Нуровна “Номи рустаниҳо дар лаҳҷаҳои ноҳияи Айнӣ: ҷанбаҳои луғавӣ-маъноӣ ва сохторӣ” таҳқиқоти пурра баанҷомрасида буда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Диссертатсия аз тарафи муҳаққиқ мустақилона навишта шуда, мазмуну мантиқи ягонаи дохилиро доро мебошад. Сатҳи навовариҳои илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудааст, саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин шеваи нигориш, масъалагузориҳо, ҳалли онҳо ва услуби таҳқиқи илмӣ аз саҳми шахсии муҳаққиқи диссертатсия дарак медиҳанд.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои нашрнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ Гулова Маъмура Нуровна муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти қабулшуда, махсусан бандҳои 76, 77, 79 ва 81, ҳамчунин ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти рақами №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна - номзади илми филология, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории факултети филология ва рӯзноманигорӣ омода карда шуда, дар ҷаласаи кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор"– 16 нафар, "зид"– нест, "бетараф"– нест. Суратҷаласаи кафедра таҳти рақами 5 аз 15-уми декабри соли 2023.

**РАИСИ ҶАЛАСА:**
Мудири кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода, номзади илми филология, дотсент — Сафарова Гулчеҳра Файзовна

**ЭКСПЕРТ:**
Номзади илми филология, дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода — Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна

**Котиби илмии ҷаласа:**
дотсенти кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода — Усмонова Мунаввара Холиқовна

*Имзоҳои н.и.ф., дотсент Г. Ф. Сафарова, н.и.ф., дотсент Г. З. Абдуллоева ва н.и.ф., дотсент М. Х. Усмоноваро тасдиқ менамоям:*
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода** — Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

«15» декабри соли 2023

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. Муҳаммадиев 17/6
**Тел.:** +992372325000;
**Факс:** +992372325000
**Сомона:** www.ddzt.tj.
**E-mail:**ddzt@ddzt.tj